# ҶОИ ИФТИХОРӢ ДАР ОЛИМПИАДАИ ҶУМҲУРИЯВӢ ДАР БАЙНИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ОЛИИ КАСБИИ ҶТ




Рӯзҳои 22-23 июни соли ҷорӣ дар шаҳри Бохтар олимпиадаи фаннӣ байни донишҷӯёни муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар қатори 8 нафар донишҷӯёне, ки аз Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ин мусобиқа ширкат варзиданд, донишҷӯи курси 4, ихтисоси 1-25010301 Факултети иқтисодиёти ҷаҳон ва маркетинг Каримова Майсара низ буд. Ӯ ба ин олимпиада таҳти роҳбарии н.и.и., дотсент Сатторов А.А. омодагӣ дида, аз фанни назарияи иқтисодӣ иштирок намуд ва  сазовори ҷои ифтихории сеюм ва соҳиби Дипломи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Ҳайати кормандон ва донишҷӯёни факултет ва донишгоҳ Каримова Майсараро ба ин муносибат табрик намуда, дар таҳсилу фаъолияти минбаъдааш бурдборӣ ва фатҳи қуллаҳои нав ба нави донишро таманно доранд.